**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"**
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30.06.2023с. № 18*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ РАҲИМОВ ҶАМШЕД ХУҶАМУРОДОВИЧ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА-PhD АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 6D010200 – ПЕДАГОГИКА ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика)», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) бо қарори №12 аз 19-уми апрели соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимов Ҷамшед Хучамуродович соли 2020 зинаи доктор PhD-ро бо ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хатм намудааст.

Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар баробари корҳои таҳқиқӣ фаъолияти омӯзгориашро аз моҳи феврали соли 2015 то инҷониб дар дар муассисаи давлатии таълимии "Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов"-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ идома дода истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ – Бегимов Ҳусен Худоёрович,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Исломов Озод Азимович** - доктори илмҳои, педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ ва геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобҷон Ғафуров";

**Туронов Султонмурод Шарофович** - номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Мукарризони расмӣ ба диссертатсия такризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 29-уми майи соли 2023 (суратмаҷлиси №10), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, ба бозёфти навгониҳои илмӣ диссертант ишора карда мегӯяд, ки "Диссертант ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқот ба навгониҳои илмии

зерин муваффақ шудааст: мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоиро аниқ ва дақиқ кардааст; заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои оддитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни таълими математика ошкор намудааст; роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикиро дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоиро аз фанни физика муайян намуда, нишон дода тавонистааст".

Ҳамзамон аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки натиҷаҳои бадастомада барои коркарди методикаи ташаккули донишҳои одитарини табий дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаҳои китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазир дорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода намоянд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, бо муҳиммияти ҷамъбасти илмӣ, ки дар диссертатсия инъикос гардидаст ва хулосаҳои асосӣ дар қисмати истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика ва омода намудани онҳо ба омӯзиши мусалсали ин фан дар синфҳои ибтидоӣ имконияти зиёд доранд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ бо иштироки бевоситаи ӯ анҷом дода шудаанд. Дар корҳои анҷомдодашуда саҳми муаллифи диссертатсия назаррас мебошад.

Озмоиш дар шароитҳои табиӣ, яъне дар намуди пурсиши беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7, 34, 53, 70-и ш. Душанбе; муассисаи давлатии таълимии гимназияи ба номи А. Ғуломови ш. Душанбе; муассисаи давлатии таълимии литсейи №4 барои хонандагони болоёқати ш. Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 18, 50-и ноҳияи Панҷакент аз соли 2017  то соли 2022 гузаронида шудааст.

Муҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи "Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

**[М-1]. Раҳимов Ҷ.Х., Бегимов Ҳ.Х.** Ташаккули тасаввуроти вобастагии функсионалии байни баъзе бузургиҳои физикӣ дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои V-VI. / Номаи донишгоҳ" Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. №3(56). – Хуҷанд: 2018. - С. 173-179.

**[М-2]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Бегимов Ҳ.Х. Вазъи кунунии ташаккули донишҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. №1/2(74). – Бохтар: 2020. - С. 154-160.

**[М-3]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Ҳалли масъалаҳои матнии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи амалисозии робитаи байни фаннӣ. / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психологияи, назария ва методикаи таълим). №2(2). – Душанбе: 2020. – С. 155-159.

**[М-4]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Бегимов Ҳ.Х. Роҳҳои ташаккул додани донишҳои аввалин оид ба фанҳои табиӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психологияи, назария ва методикаи таълим). №2 (2): -Душанбе: 2020.- С.38-48.

**[М-5]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Роҳҳои ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психологияи, назария ва методикаи таълим). №4 (16): - Душанбе: 2022. - С. 306-312.

**[М-6]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Имконияти тарбияи шавқу ҳавас дар раванди таълими фанҳои табиӣ дар мактаббачагони хурдсол. // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои истифодаи технологияи иноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ » бахшида ба татбиқӣ муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. - Душанбе: 2018. - С. 281-282 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-7]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Имкониятҳои фанҳои табиӣ оид ба ташаккули шавқу ҳаваси мактаббачагони хурдсол. //Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои истифодаи технологияи иноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ» бахшида ба татбиқӣ муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. – Душанбе: 2018. - С. 283-285 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-8]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Мақом ва мароми омӯзиши фанҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Мафоди конференсияи илмӣ амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Нақши хунарҳои миллӣ дар раванди таълиму тарбия". – Душанбе: 2018. - С. 110-114 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-9]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ оид ба фанҳои табиӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ. // Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ" бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, хунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан. – Душанбе: 2019. - С. 91-95 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-10]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Ташаккули шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таълими фанҳои табиӣ. / Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас". - Хуҷанд: 2019. - С. 59-63. (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-11]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Имконияти ташаккули салоҳиятҳои донишҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ: вақеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он" ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2019. - С. 296-299 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-12]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Ташаккули корҳои беруназдарсии математика оид ба истифодаи донишҳои табиӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муносибати навин ба такмили мазмуни таҳсилоти томактабӣ дар шароити муосир (дар партави паёми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26.12.2018). – Душанбе: 2019. - С. 97-107 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-13]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Имконияти ташаккули донишҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Нақшу ҳунарҳои мардуми дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ" бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021. – Душанбе: 2019. - С. 296-299 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-14]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Аҳамияти бозиҳои дидактикӣ дар рушд ва инкишофи фикрии кӯдакони хурдсол. // Маводи конференсияи илмӣ – амалии донишгоҳӣ "Таҳсилоти томактабӣ: таҷриба, анъана ва навгониҳо" бахшида ба 50 – солагии кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ. –Душанбе: 2019. - С. 25-30 (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-15]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Ташаккулёбии шавқу завқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба математика мавриди таълими фанҳои табиӣ. / Маводи конференсияи ҷумҳурмявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90 солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир". - Душанбе: 2020.- С. 279-282.

**[М-16]. Раҳимов Ҷ.Х.,** Ташаккулёбии шавқу ҳаваси мактаббачагони хурдсол дар раванди дарсҳои фанҳои табиӣ. / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот" бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: 3-4-уми июни соли 2021. - С. 258-260. (бо ҳаммуаллифӣ).

**[М-17]. Раҳимов Ҷ.Х.,**Тарбияи сифатҳои имконпазири хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ дар дарсҳои математика. / Проблемаҳои муосири методикаи таълими математика ва фанҳои табиӣ. Маводи маҷмӯаи илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии дотсенти кафедраи методикаи таълими математика М. Маҳкамов ва 60-солагии кафедраи методикаи таълими математика. - Душанбе: 2021. - С. 110-116. (бо ҳаммуаллифӣ).

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:***

**Тақризи 1. Шодиён М.С.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 2. Гулбоев Б.Ҷ. –** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи математика ва физикаи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

**Тақризи 3. Сайёдов И.Д. –** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи информатика ва фанҳои табиӣ-риёзии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 4. Собиров С.Ф.** - номзади илмҳои педагогӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 5. Собирова М.Р.** - дотсент, доктор Phd, мудири кафедраи математика ва физикаи Донишкадаи тадбиркорӣ ва педагогикаи Деҳнави Ҷумҳурии Узбекистон. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсияи Раҳимов Ҷамшедро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd аз рӯи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 19-уми апрели соли 2023, №12, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-

юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- Дар марҳилаи мутолиот доир ба мазмун ва мундариҷаи робитаи байнифаннии предметҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ адабиёти таҳқиқӣ ва манбаъҳои озмоишӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуданд;
- Имкониятҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардиданд;
- Роҳҳо ва усулҳои ангезиши шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди ташкили самараноки корҳои берун аздарсӣ бо фанни физика муайян ва мавриди санҷишу озмоиш қарор гирифтанд;
- Системаи коркарди методии пешниҳодгардида амалан аз санҷиш гузаштанд.

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонун «Дар бораи таҳсилот», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Консепсияи мактаби миллӣ», Стандартҳои давлатии таҳсилот», инчунин назарияи инкишофи тафаккур ва ташаккули мафҳум, таҳқиқот оид ба масъалаи ташаккули мафҳумҳо ташкил медиҳад. Ҳамзамон, барои ҳалли ҳадафҳои гузошташуда методҳои муосири таҳқиқот, ба монанди методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ: таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ ва методу шаклҳои кори озмоишӣ: марҳилаи барқароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли методии масъалаҳо истифода шудаанд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** дар он зоҳир мегардад, ки ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоюли ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ ҳисобида шуда, боиси талаботи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ азбаркунии хонандагон, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба фанни физика мегардад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот.*** Маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи коркарди методии ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус ва ғайра истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин натиҷи таҳқиқоти мазкур метавонад дар омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ хизмат кунад. Ғояҳои асосӣ, хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи таълими фанҳо дақиқ дар синфҳои ибтидоӣ машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:***

- мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуд;
- заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор гардид;
- роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян шуд;

- тибқи озмоиш самаранокии системаи методии пешкашгардида санҷида шуд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани консепсияҳои назариявӣ ва муносибати методологӣ, ки дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳеҳияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ; давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоиши назоратии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию оморӣи маълумоти мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои пешниҳодшуда, мушоҳидаҳои педагогӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати __9__ нафар, аз онҳо__5__нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ __9__ нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест__нафар,
бюллетенҳои беэътибор __нест__нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 30-юми июни соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика)» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҳамробоев Н.А.**

**30.06.2023с.**